Қарори

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–061 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм**

08 июли соли 2021 ш. Ҳисор

Маърӯзаи кори диссертатсионии Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, роҳбари илмӣ –доктори илмҳои кишоварзӣ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло, Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистонро шунида, тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, ки онро мудири кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Суярова Сарвиноз Ҷумаевна, котиби ҷаласа, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Қосумбекова Фотима Аноятбековна, имзо ва доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур – ректори ҳамин муассиса тасдиқ намудааст, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Партоев Қурбоналӣ – доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растании Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович – номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири кафедраи агротехнологияҳои нав ва амнияти озуқаворӣи Донишгоҳи давлатии Данғара, инчунин муқарризони ғайри расмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода Саидҷамол Тоҷиддин, доктори илмҳои кишоварзӣ Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, номзади илмҳои кишоварзӣ Ниъматов Мирзовали Мирзоалиевич ва доктори илмҳои кишоварзӣ Нарзулоев Тош Садулоевич-ро ба асос гирифта, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович бо дарназардошти муҳимии мавзӯъ, коркарди илман

асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаи натиҷаҳои асосии илмӣ, Шӯрои диссертатсионӣ қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи " Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳодгардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва корҳои интишоршуда, дар дараҷаи лозима муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Валиев Ҷамшед Абдумаликович дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шӯрои диссертатсиониро тасдиқ намояд.

Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ — Нарзулоев Т.С.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пӯлотова Ш.С.